# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании Сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтитсоси 03.01.04-Биохимия пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад доир ба омӯзиши намунаҳои гуногуни Сич (*Eremurus*) дар се минтақаи шароити гуногуни экологӣ, шаҳри Душанбе, деҳаи Аличони ноҳияи Данғара ва доманаи қаторкӯҳҳои Ҳисор (ағбаи Анзоб деҳаи Зиддии н. Варзоб) гузаронида шудааст. Ҳамчун объекти таҳқиқоти илмӣ растании оилаи Замбақиҳо Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) истифода шудаанд.

Барои ҷудо кардани пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ва Сичи калон (*E. robustus* Regel) аз ҳалкунандаҳои органикӣ (спирт, об, хлороформ, метанол ва эфири этиласетат), инчунин бо истифода аз усулҳои ҳозиразамон ба монанди электрофорези қатрагӣ, спектор ИС-Фуре таркиби пайвастагиҳои фитохимиявии ин растанӣ аз тарафи унвонҷӯ омӯхта шудааст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи унвонҷӯ нишон дод, ки растании номбурда дорои модаҳои зиёди органикӣ ба монандӣ чарби мумӣ, фенолҳо ва карбогидратҳо зиёд мебошад. Ин пайвастагиҳои омӯхташуда дар раванди истеҳсолоти доругиҳои растанигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳадди имкон нав мебошад. Аз тарафи дигар, бо мурури пайдо шудани парвариши ин навъи растаниҳо дар шароити гуногуни экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст, ки ба истеҳсолот додани навъҳои растаниҳои шифобахш ва омӯхтани таркиби растаниҳои эфемероидӣ мукаммалтар мегардад.

Унвонҷӯ Султонмамади Гулмамад фаъолиятнокии пайвастагиҳои антиоксидантии Сичи калон (*E. robustus* Regel) ва заҳрнокии шадиди полисахариди дар об ҳалшаванда-глюкоманнан, ки аз таркиби растании Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) ҷудо карда, дар кори пешниҳодшуда нишон додааст.

Зикр бояд кард, ки автореферати мазкур пурра мазмун ва муҳтавои диссертатсияро инъикос намуда, тибқи талабот анҷом дода шудааст.

Дар баробари комёбиҳо дар автореферат, баъзе аз камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Хуб мешуд, ки унвонҷӯ дар кори пешниҳодшуда, хосиятҳои заҳрнокӣ ва физикӣ-химиявии баъзе аз пайвастагиҳои фитохимиявии Сичи калон

(*E. robustus* Regel)-ро ба монанди Сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) низ меомӯхт;

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои дарҷгардида дарачаи муҳиммияти рисолаи илмиро паст намегардонанд.

Хулоса, рисолаи мазкур дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашудаи муаллиф руйи чоп омадааст ва дорои ахамияти илмию амалӣ мебошад. Автореферат аз руйи мазмун ва тартиб тибқи талабот навишта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферат ва диссертатсияи Султонмамади Гулмамад оид ба муҳиммият, нававарии илмӣ ва аҳамияти амалӣ доштан ва ҳаҷми гузаронидани таҳқиқотҳо ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба талаботи боби-3, бандҳои 31-34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Султонмамади Гулмамад, барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз руйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия сазовор аст.

Раиси Кумитаи фармакологии КВД “ЭОМФТ”
(Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоишии маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ”)- и Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ,
доктори илмҳои биологӣ, профессор Бобизода Ғ.М.

Имзои Ғ.М. Бобизодаро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории КВД “ЭОМФТ”-и Хадамот Сайфуллоева Ш.Н.

11.05.2024